## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Саъдуллозода Шамсулло Саъдулло дар мавзӯи «Методикаи фаъолгардонии донишҷӯён ҳангоми ташкилу гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ дар раванди таълими физика барои ихтисосҳои омӯзгории МТОК», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9.3. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ) пешниҳод шудааст**

Таҳсилоти муосир ба рушди нерӯи зеҳнӣ, эҷодкорӣ, қобилият ва худшиносии шахсият нигаронида шудааст. Мушкилтарин вазифа дар шакли нави таълим ин тағйир додани муносибати шахсии омӯзгор ва донишҷӯён ба худтаълимгирӣ мебошад. Зеро методи муосири таълим бояд, ҳамгироии усулҳои гуногуни азхудкуниро таъмин намуда, бо ин роҳ қобилияти эҷодии шахсро барои амалҳои озоду пурмазмун, дарки қонуниятҳои табиат, ҷаҳонбинӣ, огоҳ будан аз кашфиётҳои ҷаҳонӣ, навоварӣ ва дигар омилҳоро тақозо менамояд.

Ҳадафи таҳқиқот ҷустуҷӯи роҳҳои фаъолгардонии донишҷӯён тавассути иҷрои корҳои озмоишӣ мебошад. Аз ҷумла рушди қобилиятҳои эҷодӣ, баланд бардоштани савияи дониши физикӣ, омӯхтани сохти кори асбобҳо, истифодаи самараноки ТИК дар ташкилу гузаронидани кори озмоишӣ, такмили маҳорати касбӣ ва методҳои истифодабари онҳо ҳангоми омӯзиш қарор гирифта шудааст.

Дар рисолаи илмии Саъдуллозода Шамсулло Саъдулло, ки аз сарсухан, се боб, хулоса ва аз руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, доир ба рушди маҳорати эҷодӣ ва фаъолгардонии фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар иҷрои корҳои озмоишӣ маълумоти гуногун гирд оварда шудааст.

Дар боби аввали рисола, ки «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фаъолгардонии донишҷӯён дар раванди таълими физика» ном дорад, ки дар он омилҳои назариявӣ ва методологии фаъолгардонии

донишҷӯён дар машғулиятҳои озмоишӣ маводҳо ва далелҳо пешниҳод гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия бо номи «Методикаи омода намудани донишҷӯён ба омӯзиши мусалсали машғулиятҳои озмоишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» баён гардидааст, ки истифодаи методҳои салоҳиятнокӣ, моҳият ва азхудкунии нақши кори асбобҳои физикӣ, ченкунии дақиқ, татбиқи технологияи муосир, бартарии озмоишҳои рақамӣ (ОР), корҳои озмоишии маҷозӣ (виртуалӣ), самаранокии манбаҳо ва маводҳои электронӣ дар гирифтани натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, истифодаи расм ва ҷадвалҳои физикӣ, иҷрои зиёда аз 10 корҳои озмоишӣ аз ҷониби унвонҷӯ шарҳ дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи «Самаранокии истифодаи низоми методӣ дар рушди зеҳнии маҳорату малакаи донишҷӯён, ҳангоми ташаккулдиҳӣ ва ҷустуҷӯии озмоишӣ педагогӣ» ибрози назар гардидааст, ки амалисозии методҳои интихобгардида байни донишҷӯёни курсҳои 1-3-юми ихтисосҳои омӯзгории ДДБ ба номи Носири Хусрав ва ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди озмоишӣ педагогӣ қарор гирифтааст.

Дар асоси таҳқиқотҳои назариявӣ, амалӣ ва озмоишӣ фаъолгардонии донишҷӯён ҳангоми ташкилу гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ ба дараҷаи муайяни таҳқиқотӣ расидааст. Аз ҷумла нақши мавод дидактикӣ, беҳтар намудани рушди зеҳнии донишҷӯён дар иҷрои корҳои озмоишӣ, тавсияҳои олимони соҳаи физика, нуқтаи назари мушовирони психологӣ-педагогӣ дар натиҷагирии озмоишӣ педагогӣ ба инобат гирифта шудааст.

Мазмуну мӯҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ) ва русӣ таълиф гардидаанд, пурра мувофиқат дорад. Мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯй низ инъикоскунандаи моҳияти диссертатсия мебошанд. Оиди мавзӯи таҳқиқшаванда аз тарафи муаллиф 14 таълифот, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои илмӣ ва маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расидаанд.

Мавриди ёдоварист, ки рисолаи илмии Саъдуллозода Шамсулло Саъдулло дар мавзуи «Методикаи фаъолгардонии донишҷӯён ҳангоми ташкилу гузаронидани машғулиятҳои озмоишӣ дар раванди таълими физика барои ихтисосҳои омӯзгории МТОК» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9.3. – Назария ва технологияи таълими физика (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи методикаи
таълими физикаи МДТ «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Бубиев Мумин Чоршанбиевич

10 декабри соли 2025

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ. 67
Телефон: (+992) 000 10 23 10
E-mail: fakultet.fizikabk.ru.

Имзои Бубиев М.Ч.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ
ба номи Носири Хусрав»:
“10” 12 2025 Нажмидинов М.М.

**Нишонӣ**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www.btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru